Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734024, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ, 44)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ализода Олимҷон Маҳмуд дар мавзуи "Таъмини амнияти озуқаврии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 - Амнияти иқтисодӣ.**

Дар шароити дигаргуншавии вазъи иҷтимоию иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои вобаста ба таъмини амнияти озуқаворӣ, ки барои ҳар як соҳаи алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ карда мешавад, зарурати дида баромадани ҷанбаҳои гуногуни он, аз қабили асосҳои назариявӣ, методологӣ ва консептуалӣ ба миён омадааст. Бояд дар назар дошт, ки таъмини амнияти озуқаворӣ аз мавҷудияти ҳолати рушду устувор, мутавозин ва бомайлони соҳаҳои гуногуни бахши воқеии иқтисодиёт вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама, рушду усутвори соҳаи кишоварзӣ дар назар дошта мешавад, ки он маҳаки асосӣ ва таъминкунандаи тамоми дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ карда мешавад. Дар ин маврид муаллифи таҳқиқот низ қайд менамояд, ки ҳалли мушкилоти таъминоти озуқаворӣ, пеш аз ҳама, бо рушди устувори кишоварзӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти агроозуқаворӣ, таъминоти захиравӣ, баланд бардоштани сифат ва қобилияти рақобатпазирии он алоқаманд аст.

Яке аз бартариатҳои таҳқиқоти илмии Ализода Олимҷон Маҳмуд дар навгонии илмии он мушоҳида карда мешавад, ки он дарбаргирандаи масъалаҳои назариявию методологӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ дар самти таъмини амнияти озуқаврии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад. Методологияи пешниҳоднамудаи муаллиф иборат аз баҳодиҳии амнияти озуқаворӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ таҳия гардида, принсипҳо ва нишондиҳандаҳои методологии муайянсозии сатҳи амнияти озуқаворӣ, инчунин нишондиҳандаҳо ва индикаторҳои баҳодиҳии самаранокии сиёсати давлатии агросаноатӣ ба низом дароварда шудаанд.

Интихоб, асосноксозӣ ва илман таҳқиқ намудани ҷанбаҳои гуногуни таъмини амнияти озуқаворӣ имкон медиҳад, ки муаммоҳои зиёд, чӣ дар сатҳи минтақавӣ ва чӣ дар сатҳи иқтисоди миллӣ ҳалли амалии худро пайдо карда тавонанд.

Дурустии натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқоти илмӣ бо маълумотҳои оморӣ ва таҳлилии амалиявӣ (эксперименталӣ) асос мeёбанд ва дар оянда имкон пайдо менамоянд, ки мутахассисони соҳаҳои мухталиф ҳангоми навиштани таҳқиқотҳои илмӣ васеъ истифода намоянд. Дар баробари ин, тавсияҳои амалии муаллиф имкон пайдо менамоянд, ки иқтидорҳои иқтисоди миллӣ, махсусан соҳавӣ ошкор гардида, вобаста ба хусусиятҳои гуногуни таъсиррасон вазъ, сатҳ ва сифати зиндагониро дигаргун намоянд.

Аз матни асосии автореферат метавон хулоса намуд, ки муаллиф кӯшиши зиёд баҳри дар амал татбиқ намудани ҷанбаҳои назариявии таъмини амнияти озуқавориро, бо назардошти методологияи ҷойдошта ва муаллифӣ дар амалия татбиқ намояд. Баҳри боз ҳам беҳтар намудани сифати таҳқиқоти илмии муаллиф якчанд тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ, ки дар бештари ҳолатҳо аз вазъи иқтисодии соҳаи кишоварзӣ, ҳамчун бахши воқеии иқтисодиёт арзёбӣ карда мешавад, бо тамоилҳои иқтисоди сабз пайваст менамуд. Чунки таҷрибаи давлатҳои рӯ ба тараққӣ ва пешрафта нишон медиҳад, ки ин ду самт танҳо дар якҷоягӣ ҷой дошта метавонанд;

2. Арзёбии масъалаҳои таъмини амнияти озуқавориро дар фазои давлатҳои Минтақаи Осиёи Марказӣ таҳқиқ намудан, ба манфиати кор дониста мешуд. Аз матни асосии афтореферати муллиф бар меояд, ки ӯ вобастагии амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро маҳз аз давлатҳои минтақаи болозикр нисбатан кам таҳқиқ намудааст. Шояд дар матни асосии диссертатсия ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир гардида бошад.

Тавсияҳои додашуда ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд сифати таҳқиқот ва арзиши илмии муаллифро паст намоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ализода Олимҷон Маҳмуд дар мавзуи “Таъмини амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 қабул шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.01 - Амнияти иқтисодӣ арзанда мебошад.

Муқарриз:
Декани факултети молия ва баҳисобгирии
МД “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и
ДБССТ, д.и.и., дотсент Шокиров Р.С.

Имзои Шокиров Р.С.-ро тасдиқ мекунам. Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси МД “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и ДБССТ Раҳимов Н.И. ________________

Суроға:735716, Худжанд, 27 микрорайон, хонаи №1,
Телефон: +992 37 234 88 02
Email: bitesk_ips@mail.ru
Сомона: https://www.bitesk.tj